**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқот ба масъалаи мубрами имрӯзаи илмии асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ бо дарназардошти таъсирҳои раванди ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи падидаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар ин замина, таҳлил ва баррасии мафҳум, хусусият ва роҳҳои ташаккули ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳамбастагӣ ва робита бо маърифати ҳуқуқӣ аз нигоҳи илмӣ мубрам арзёбӣ гардидааст.

Бояд зикр намоем, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии номзадӣ ва доктории фарогири масъалаи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ омӯзиши масъала ба таври умумӣ сурат ҷирифтааст. Дар ин замина, диссертант Собирзода А.Ҷ., барои ҳалли мушкилоти болозикр бо назардошти омилҳои зерин мубрам будани таҳқиқотро нишон додааст:

– ба талаботи замони нав мувофиқ кунонидани фаҳмиш ва диду назари шаҳрвандон ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дар қонунгузорӣ худро ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон кардаву барои шаҳрвандони худ тамоми кафолатҳои иҷтимоиро муқаррар намудан;

– ҳалли мушкилоти баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон;

– монеъ шудан ба коҳишёбии маърифати ҳуқуқи инсон ва арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеа оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ;

– тақвият бахшидани раванди барпосозии давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон, ки сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз заминаҳои муҳимми он ба ҳисоб меравад;

– фароҳам овардани шароити мусоид ва заминаҳои ҳуқуқӣ бобати арҷгузорӣ ва эҳтиром ба ҳифзи иҷтимоии инсон ва ташаккули маърифати ҳуқуқи инсон;

– таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти давлат ба масъалаи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз аҳамиятнокӣ ва авлавияти ин масъала дар сиёсати давлатӣ;

– парвариши ғояву андешаи ҳувияти миллӣ, ҳисси меҳанпарастӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ, таъмини тамомияти ҳудудӣ ва дахлнопазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, махсусан дар стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Ба ақидаи мо ҳифзи иҷтимоии инсон самти нави омӯзиши илмӣ буда, асоси онро ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ ташкил медиҳад ва мақсади асосии он таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Ҳолати муосири илмҳои ҳуқуқшиносӣ зарурати боз ҳам ҳамаҷониба гузаронидани таҳқиқоти зуҳуротҳои нави бавуҷудомадаи ҷамъиятиро талаб менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Собирзода А. Ҷ., дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои мубрами назария ва амалия (солҳои 2021-2025)» омода карда шудааст.

Диссертатсияи Собирзода А. Ҷ., бонизом таҳия гардида, дар он асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон ҳамчун низоми томи мураккаб, инкишофёбанда ва худтанзимшаванда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Сохтори диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ки ҳафт зербобро дарбар мегиранд, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба ҳифзи иҷтимоии инсон тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Асосҳои методологии диссертатсияро усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил додаанд. Дар кор усулҳои умумии фалсафӣ ба монанди диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ истифода бурда шудаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешкаш созад.

Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба

мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба таҳқиқоти асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон буда, муаллиф бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии ҳифзи иҷтимоиц инсон падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

Муаллифи таҳқиқот иброз медорад, ки таъсиси низоми самараноки идоравӣ оид ба дастгирии иҷтимоии ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилӣ на фақат қарзи маънавии давлат ва роҳбарони мақомоти корҳои дохилӣ балки ҳамчунин таҷассумгари муҳимтарин омили таҳким бахшидан ба ҳолати ахлоқӣ-руҳию равонии кормандони милитсия мебошад. Вазифаҳои асосӣ оид ба расонидани кумакҳои иҷтимоӣ ва дастгириҳо аз ҷониби роҳбарияти мақомоти корҳои дохилӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва дигар муассисаҳои низоми Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд татбиқи кафолатҳои иҷтимоие ташкил намоянд, ки дар қонунгузориҳои амалкунанда ва ташкили шароитҳо барои дастрас намудани кумакҳои иловагии иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳо пешбинӣ гардидаанд.

Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои ҳалӣ ва такмили қонунгузории соҳа бахри ташаккулу рушди ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд, аз он ҷумла зимни таҳлили масъалаҳои марбут ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, диссертант меъёрҳо ва принсипҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро нисбатан камтар ба инобат гирифтааст.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Собирзода Аловуддин Ҷабор ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
и.в. мудири кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қодирзода М.А.

**Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, бинои 1.
Тел.: (83422) 2-38-11, 2-51-70
+992 550-50-69-90
E-mail: tsulbp@rambler.ru;
mirzokodir-1@mail.ru

Имзои Қодирзода Мирзоқодир Аюб-ро тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои хукукшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

«21» 10 2024 с.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС